Пурсишҳо ва посухҳо



Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Коди пурсиш: 149

Аҳком

Аҳкоми рӯза ва эътикоф

Нависандаи пурсиш:

Ризо Розӣ

Аҳкоми рӯза ва эътикоф

بسم الله الرحمن الرحيم

Нависандаи пурсиш: Ризо Розӣ **Тарихи пурсиш:** 31/05/2016

Оё фурӯ бурдани тамоми сар дар об рӯзаро ботил мекунад?

Оё задани сируми (капелницаи) қандӣ ё намакӣ ва ё ампули (уколи) витомин бидуни дастури пизишк рӯзаро ботил мекунад?

Посух ба пурсиши шумораи: 5 **Тарихи посух ба пурсиш:** 06/06/2016

Се чиз аст ки рӯзаро ботил мекунад: Наздикӣ кардан, хӯрдан ва ошомидан; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَالْآنَ بَاشِرُوهُنَّ وَابْتَغُوا مَا كَتَبَ اللَّهُ لَكُمْ ۚ وَكُلُوا وَاشْرَبُوا حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَكُمُ الْخَيْطُ الْأَبْيَضُ مِنَ الْخَيْطِ الْأَسْوَدِ مِنَ الْفَجْرِ ۖ ثُمَّ أَتِمُّوا الصِّيَامَ إِلَى اللَّيْلِ﴾ (Бақара/ 187); <<Акнун бо онон наздикӣ накунед ва чизе ки Худованд бароятон муқаррар доштаастро биҷӯйед ва биёшомед то он гоҳ ки хатти сапедаи фаҷр бароятон аз хатти сиёҳ мутамойиз шавад, он гоҳ рӯзаро то шаб идома диҳед>>. Бо ин васф, фуру бурдани сар дар об дар сурате ботил кунандаи рӯза аст ки мисдоқи ошомидани об бошад; Ба ин тартиб ки аввалан аз рӯй амд бошад, пас агар саҳван дар об бияфтад ё аз рӯй фаромӯшӣ сарро дар он фурӯ бибарад, ишколе надорад, сониян ба ғайри зарурат бошад; Пас агар аз рӯй зарурат ин корро анҷом диҳад ишколе надорад, солисан сабаби расидани об ба ҳалқ шавад; Пас агар сарро дар об фурӯ бибарад, вале аз он ба ҳалқи ӯ нарасад, ишколе надорад. Бинобарин, дар сурате ки амдан ва бидуни зарурат сари худро дар об фурӯ бибарад ва чизе аз он нохоста ба ҳалқи ӯ фурӯ равад, бояд қазои рӯзаро ба ҷо оварад, ҳар чанд каффорае бар ӯҳдаи ӯ нест; Чунонки яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт:

«قُلْتُ لِلْمَنْصُورِ: خَرَجْتُ صائِماً وَ اَلْعَطَشُ يُؤْذِينِي فَوَجَدْتُ نَهْراً فَغَمَسْتُ فِيهِ رَأْسِي حَتّى أَحْسَسْتُ بَرْدَ اَلْماءِ فِي حَلْقِي، فَظَنَنْتُ أَنَّ اَلسَّماءَ سَقَطَتْ! قالَ: عَلَيْكَ اَلْقَضاءُ! قُلْتُ: أَ لَيْسَتْ كَفّارَةٌ؟ قالَ: لا وَ لَوْ قَصَدْتَ شُرْبَ اَلْماءِ لَكانَ عَلَيْكَ اَلْكَفّارَةُ»; <<Ба ҳазрати Мансур гуфтам: Дар ҳоли рӯза берун омадам ва ташнагӣ озорам медод, пас наҳреро ёфтам, пас сари худро дар он фурӯ бурдам то инки хунукии обро дар гулӯям эҳсос кардам, пас (аз тарс) пиндоштам ки осмон афтод! Фармуд: Дар ӯҳдаи ту қазо аст!

Гуфтам: Оё каффорае нест? Фармуд: На ва агар нӯшидани обро қасд карда будӣ, бар ӯҳдаи ту каффора буд>>!

Ҳамчунин, истифода аз сирум ва омпул (укол) ҳовии маводди ғазойи, дар сурате ки аз рӯӣ зарурат набошад, кароҳат дорад, балки агар ба қасди рафъи осори табиъии рӯза монанди гуруснагӣ ва ташнагӣ бошад, қатъан ҳаром аст ва баъид нест ки мубтил бошад; Чароки ғарази Худованд аз ташриъи рӯза, тараттуби осори табиъии он ба манзури таъаббуд ва аз боби имтиҳон аст ва бо ин васф, ворид кардани маводди хӯрданӣ ва ошомиданӣ ба бадан бидуни хӯрдан ва ошомидан, нақзи ғарази Худованд ва давр задани ҳукми Ӯ ва ба манзалаи ҳила ва тақаллуб аст, дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿فَادْعُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ﴾ (Ғофир/ 14); <<Худовандро бо холис сохтани дин барои Ӯ бихонед>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ﴾ (Баййина/ 5); <<Ва амр нашуданд магар ба инки Худовандро бо холис сохтани дин барои Ӯ ибодат кунанд>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ الْمُنَافِقِينَ يُخَادِعُونَ اللَّهَ وَهُوَ خَادِعُهُمْ﴾ (Нисоъ/ 142); <<Ҳароина мунофиқон мехоҳанд Худовандро фиреб диҳанд, дар ҳоле ки Ӯ фиребандаи онон аст>> Ва фармудааст: ﴿يُخَادِعُونَ اللَّهَ وَالَّذِينَ آمَنُوا وَمَا يَخْدَعُونَ إِلَّا أَنْفُسَهُمْ وَمَا يَشْعُرُونَ﴾ (Бақара/ 9); <<Мехоҳанд Худованд ва касоне ки имон дорандро фиреб диҳанд, дар ҳоле ки ҷуз худро фиреб намедиҳанд ва намедонанд>>!

Худованд ба ҳамаи мусалмонон тавфиқи ибодати холисона ато фармояд.

Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Бахши посухгӯй ба пурсишҳо

